Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063
назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон

ТАҚРИЗ

ба автореферати Самандарова Зарнигор Умаровна дар мавзӯи «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12. – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) пешниҳод шудааст.

Ҷолиби диққат аст, ки дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои истифодаи самараноки иқтидори иқтисодию истеҳсолии минтақаҳои деҳот, диверсификатсияи фаъолияти соҳибкорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин росто, рушди сайёҳии аграрӣ яке аз самтҳои ояндадори ҳамгироии соҳаҳои кишоварзӣ ва сайёҳӣ метавонад ба ташаккули манбаъҳои иловагии даромад, рушди соҳибкории деҳот, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ мусоидат намояд. Бо дарназардошти ин, таҳқиқ ва арзёбии имкониятҳои иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани омилҳои таъсиррасон, мушкилоти мавҷуда ва таҳияи механизмҳои самараноки ташкилию иқтисодии рушди он аҳамияти хосса дорад. Зеро рушди ин самти сайёҳӣ на танҳо ба диверсификатсияи иқтисодиёти деҳот ва тавсеаи фаъолияти соҳибкорӣ, балки ба ташаккули занҷираи арзиши иловашуда дар бахшҳои кишоварзӣ, хизматрасонӣ, ҳунармандӣ ва истеҳсоли маҳсулоти маҳаллӣ мусоидат менамояд. Пас, истифодаи мақсадноки иқтидори аграрӣ, табиӣ, таърихию фарҳангии минтақаҳо, рушди инфрасохтори сайёҳӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва татбиқи шаклҳои инноватсионии хизматрасонӣ метавонад сайёҳии аграриро ба яке аз омилҳои муҳими рушди устувори иқтисодиёти деҳот, афзоиши шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақавӣ ва коҳиш додани нобаробарии иҷтимоию иқтисодии байни шаҳру деҳот табдил диҳад.

Мусаллам аст, ки муаллиф дар раванди таҳқиқот аз доираи васеи сарчашмаҳои илмию назариявӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти расмии оморӣ ва маводи таҳлилии мақомоти дахлдори соҳавӣ истифода намудааст. Пойгоҳи иттилоотию таҳлилии таҳқиқот ҳамчунин ҳисоботи солонава дигар маводи марбут ба мавзуъро фаро мегирад. Истифодаи маҷмӯии сарчашмаҳои

мазкур барои таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи мавриди таҳқиқ, муайян намудани қонуниятҳо ва омилҳои таъсиррасон ба рушди сайёҳии аграрӣ, арзёбии имкониятҳои иқтисодии он ва асоснок намудани хулосаю пешниҳодҳои илмию амалӣ заминаи зарурии методологӣ ва иттилоотӣ фароҳам овардааст. Илова бар ин, муаллиф ишора менамояд, ки "Барои ҳалли масъалаи рушди муваффақи сайёҳии аграрӣ таҳлили омилҳое, ки ба ин раванд таъсири мусбат ё манфӣ мерасонанд, зарур мебошад" (саҳ.13).

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт аз 171 номгӯй иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 220 саҳифа буда, 29 ҷадвал ва 7 расмро дар бар мегирад. Аз рӯйи мавзуи таҳқиқот 10 мақолаи илмӣ ба табъ расида, аз онҳо 6 мақола дар нашрияҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

Аз ин дидгоҳ, аҳамияти илмию амалии таҳқиқот дар такмили равишҳои назариявию методӣ, пешниҳоди роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори аграрии минтақаҳо, рушди соҳибкории деҳот, ҷалби сармоягузорӣ ва ташаккули инфрасохтори сайёҳӣ ифода меёбад. Дар ҳамин асно, натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳамчун заминаи илмию амалӣ барои таҳияи тадбирҳои рушди устувори сайёҳии аграрӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии минтақаҳои деҳот истифода намуд. Зеро афзалияти таҳқиқот дар он аст, ки ҷанбаҳо мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро муайян намудааст.

Маҳз ба ин хотир, моҳият ва мазмуни кори диссертатсионӣ асосан дар мақолаҳои интишор намудаи муаллиф ва дар матни автореферат хеле хуб баён гардидаанд. Бо вуҷуди арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомёфта, камбудиҳои зерин ҷой доранд:

1. Муаллиф дар расми 2 автореферат «Равишҳои рушди сайёҳии аграрӣ»-ро бо як қатор самтҳои муҳим, аз ҷумла рушди минтақавӣ, ҳифзи муҳити зист, ба назар гирифтани манфиатҳои аҳолии маҳаллӣ ва таҳкими ҳамкории байнисоҳавиро пешниҳод намудааст (саҳ.18). Бо вуҷуди ин, робитаи мантиқӣ ва вобастагии мутақобилаи равишҳои мазкур, инчунин нақши ҳар яки онҳо дар таъмини рушди устувори сайёҳии аграрӣ ба таври зарурӣ мушаххас нагардидааст. Ба андешаи мо, хуб мешуд агар равишҳои пешниҳодшударо аз рӯйи хусусиятҳо гурӯҳбандӣ намуда ва таъсири онҳоро ба рушди сайёҳии аграрӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок мегардид.

2. Дар ҷадвали 4 нишондиҳандаҳои асосии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод намудааст (саҳ.20). Аммо дар шароити афзоиши назарраси шумораи сайёҳони хориҷӣ, таҳлили сабабҳои тағйирёбии нишондиҳандаҳо, аз ҷумла коҳиш ёфтани шумораи ширкатҳои сайёҳии фаъол аз 224 адад дар соли 2020 то 200 адад дар соли 2024, ба таври мушаххас арзёбӣ

нагардидааст. Мувофиқи мақсад мебуд, ки агар муаллиф омилҳои таъсиррасонро аз нигоҳи иқтисодӣ асоснок менамуд.

Эродҳои зикршуда, хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши умумии илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодаро коҳиш намедиҳанд. Ба инобат гирифтани онҳо метавонад сатҳи саҳеҳии таҳлилҳоро боз ҳам беҳтар намояд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна дар мавзӯи «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ҳамчун таҳқиқоти мустақилонаи тахассусии илмии дорои навоварии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, ба талаботҳои бандҳои 32, 33, 34, 35 ва дигар қоидаҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ва тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295)-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12. – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз:
муовини якуми директори
Маркази тадқиқоти стратегии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Муртазозода О.**

Имзои д.и.и., дотсент Муртазозода О. – ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои МТС **Исроилова С.С.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 89.
Тел: (992 37) 2-21-41-63. Факс: (+992 37)2-21-11-00, E-mail: oraz-2009@mail.ru
«_____» _____ соли 2026